**ФАРМОИШИ**
**РАИСИ КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

аз «28» 03 соли 2025 № 104/уи ш. Душанбе

*Дар бораи додани унвони илмӣ*

Мутобики сархати 18 банди 9, сархатҳои 4 ва 10 банди 18 Низомномаи Муассисаи давлатии “Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон” (фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 ноябри соли 2021, № 270), бандҳои 2, 4 ва 5 сархати 1 банди 38 ва банди 40 Тартиби додани унвонҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267),

ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1. Ба 4 (чор) нафар довталабони дар замимаи фармоиши мазкур зикршуда, шаҳодатномаи намунаи давлатии унвони илмии дотсент дода шавад.
2. И.в. мудири шуъбаи коргузорӣ ва назорат (Шарифзода Б.) вазифадор карда шавад, ки барои таъмин ва барасмиятдарории 4 (чор) адад шаҳодатномаи намунаи давлатии унвони илмии дотсент чораҳои зарурӣ андешад.
3. Мудири шуъбаи аттестатсионии илмҳои гуманитарӣ (Ализода Ҳ.) вазифадор карда шавад, ки дар муҳлати то 10 рӯз, аз рӯзи ба имзо расидани фармоиши мазкур, ҷиҳати ҷойгир намудани нусхаи он дар сомонаи Комиссия ва парвандаҳои аттестатсионии довталабон чораҳои зарурӣ андешад.
4. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи муовини раиси Комиссия Шарифзода М.М. вогузор карда шавад.

Асос: қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 марти соли 2025, №4

Раис Давлатзода С.Х.

КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
НУСХА БА АСЛАШ БАРОБАР АСТ

Замима
ба фармоиши раиси Комиссияи
олии аттестатсионии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «28» 03 соли 2025, №104/уш

Рӯйхати
довталабони дарёфти унвони илмии дотсент, ки ба онҳо шаҳодатномаи намунаи давлатии унвони илмии дотсент дода мешаванд

| № | Насаб, ном ва номи падари довталаби дарёфти унвони илмии дотсент | Муассисае, ки барои сазовор донистани унвони илмии дотсент ба Комиссия дархостнома пешниҳод кардааст |
|---|---|---|
| 1. | Бобоева Зайнура Ҳомитҷоновна | Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров; дотсент аз рӯйи ихтисоси «Забоншиносӣ» |
| 2. | Элназаров Баҳодур Давронович | Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров; дотсент аз рӯйи ихтисоси «Забоншиносӣ» |
| 3. | Икромова Гуландом Холовна | Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ; дотсент аз рӯйи ихтисоси «Забоншиносӣ» |
| 4. | Нематов Парвиз Сатторович | Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров; дотсент аз рӯйи ихтисоси «Педагогика» |